ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон” дар баландии зиёда аз 329 то 445 метр аз саҳти баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти соҳаи кишоварзӣ навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ бахшида шуда, ба шаҳодатномаи ихтисоси 6D080101 - зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Парвариши 3-4 ҳосил имконият медиҳад, ки захираҳои заминҳои корам, нерӯи офтобии муҳит, бештар ба таври интенсивӣ истифода бурда шаванд. Дар як сол гирифтани 3-4 ҳосили зироатҳои хӯроки чорво дар шароити ҳозира, таъмин будани соҳаи кишоварзӣ бо техника, дар суръати татбиқи кишти зироатҳои мобайнӣ дар давраи охири тирамоҳу зимистон ва аввали баҳор, имконпазир аст.

Натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои илмӣ исбот намудаанд, ки манбаи асосии захираи зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақаҳо, ин интихоби дурусти навъу зироат, технологияи парвариш, риояи киштгардони илман асосноккардашуда, коркарди усулҳои самаранок истифодабарии заминҳои корам бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин ба шумор меравад.

Аммо, тадқиқотҳои амалишуда, бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маводи ғизоӣ тамоми масоили ин соҳаро дарбар намегирад. Интихоби дурусти зироат ва навъ барои кишти фосилавӣ бо дарназардошти реҷаи гармӣ ва рӯшноӣ имконият фароҳам меорад, ки давраи мусоиди нашъунамо барои растанӣ бо пуррагӣ истифода шавад.

Дигар хусусиятҳои мусбати зироатҳои фосилавӣ дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз дар хок вобаста ба зироат 40-65 с/га

боқимондаҳои решапоягӣ боқӣ мемонад, ки ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда мусоидат менамоянд.

Бинобар ҳамин тадқиқотҳои бисёрсола, ки ба интихоби дурусти зироатҳои фосилавӣ, таъсири онҳо ба ҳосилхезии хок, ба зироатҳои баъд киштшаванда ва кор карда баромадани усулҳои илман асосноки самаранок истифодабарии заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани якчанд ҳосил аз як қитъаи замин дар шароити ҷануби Тоҷикистон равона шудааст, муҳим ва аҳамияти илмию амалӣ дорад. Рушди соҳаи растанипарварӣ дар радифи дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаашон ва сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба олимону кишоварзон дастуру супоришҳои мушаххас оиди истифодабарии оқилона ва самараноки заминҳои корам вобаста ба минтақаҳо мегузоранд ва ҳамзамон барои рӯёнидани якчанд ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як сол вазифадор менамоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Муаллиф асоснок мекунад, ки дар асосӣ омӯзиши ҳамаҷониба бори аввал дар минтақаи водии Вахш маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим дар ҷараёни истифодабарии самараноки заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта шуда, конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо кор карда баромада шуд.

Инчунин устувории навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии иқтисодии навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ дар шароити минтақа амалӣ карда шудаанд.

Барои расидан ба ҳадафи илмиаш, докторант Давлатова Р.Н. чунин нуқтаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

- хусусиятҳои тараққиёт, инкишофёбӣ ва мушоҳидаҳои фенологии навъҳои нави зироатҳои санҷишӣ дар даврaҳои нашъунамо;
- муайян намудани захираи анбӯҳи сабз, боқимондаҳои решапоя ва таъсири он ба ҳосилхезии хок ва зироатҳои баъд киштшаванда;
- маҳсулнокии парвариши зироатҳои санҷишӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обӣ ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили самарабахш дар як сол.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо дар диссертатсия ифодаёфта: Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои шурои олимони Институти зироаткории АИКТ (дар

тӯли солҳои 2020-2023) муҳокима карда шудаанд. Муаллиф тадқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои зироатҳои фосилавӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар асоси усули таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов, [47, с. 248] ва ба роҳ мондани усулҳои пайдарпай парвариш намудани зироатҳо, муайян кардани маҳсулнокии зироатҳои кишти фосилавию ангорӣ вобаста ба муҳлатҳои кишт, коркарди математикӣ ва омории маълумоти бадастомада, муқоисаи натиҷаи тадқиқот бо таҷрибаҳои ватанӣ ва бурунмарзӣ: эътимоднокии қонуниятҳои муқарраркардашуда, хулосаҳо ва самараи иқтисодии рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар давоми сол мебошанд. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 174 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, 6 боби асосӣ, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида мебошад. Кор бо 52 ҷадвал, 16 расм ва 7 диаграмма ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 177 адад, аз он ҷумла 4 адабиёти хориҷиро дарбар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми рисолаи диссертатсионии Давлатова Р.Н. маълумотҳои зарурӣ аз адабиётҳои гуногуни муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихи дар панҷ зербоб, аз ҷумла; зербоби якум зироатҳои фосилавӣ ва аҳамияти онҳо, зербоби дуюм маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба мӯҳлати кишт, зербоби сеюм таъсири зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои баъд киштшаванда ва дар зербоби чорум бошад, самаранокии заминҳои корам аз истифодаи зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо зироатҳои баъд киштшаванда баён менамоянд.

Дар боби дуюми рисола докторант маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ, ки дар тадқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро дар се зербоб овардааст. Аз ҷумла: зербоби якум шароити хоку иқлимӣ макони тадқиқот буда, маълумотҳои муфассал оид ба таркиби хоки минтақаи тадқиқот оварда шудааст. Дар зербоби дуюм бошад, маълумот оид ба методика, объектҳо ва маводҳои тадқиқот дарҷ гардидааст.

Дар боби сеюми рисола натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмии муаллиф таҳлил гардида, аз 6 зербоб иборат мебошад. Дар ин зербобҳо маълумотҳои арзишноки илмӣ, аз он ҷумла; сабзиш ва инкишофёбии

зироатҳои фосилавӣ, маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ вобаста ба намуд ва муҳлати кишт, сабзиш ва инкишофёбии растании ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт, маҳсулнокии зироати ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт, сабзиш, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои хӯроки чорво дар кишти сеюм, маҳсулнокии бозрӯйидаи зироатҳо вобаста ба муҳлати ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз (пешинакишт) бо таҳлили саҳеҳи илмӣ пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби аввал муаллиф сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои фосилавиро дар қитъаи таҷрибавӣ пешниҳод намуда, баланд бардоштани самаранокии истифода бурдани заминҳои корам на танҳо аз ҳисоби рӯёнидани ҳосили иловагӣ, инчунин аз ҳисоби таъсири мусбати зироатҳои фосилавӣ ба ҳосилхезии хок ва ҳосили зироатҳои баъд киштшуда ноил мегардад.

Истифодаи нуриҳо, обёрӣ, технологияи коркарди пешрафтаи хок ва дигар чораҳои агротехникӣ коэффитсенти истифодабарии энергияи офтоб, боришоти атмосферирo ҳамон давра зиёд мекунад, ки хок бо растаниҳои сабз болопуш шуда бошад дар матн пешниҳод намудааст.

Дар боби мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки фарқияти аломатҳои омӯхташударо бо тағйирёбии иқлим, ҳарорату боришотҳои солҳои омӯзиш алоқаманд баҳогузорӣ намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки бо назардошти бақайдгирии боришотҳо дар солҳои тадқиқот 2020-2023 ва мутаъдилшавии ҳарорати иқлими минтақа дар ин солҳо натиҷаҳои назаррас ба даст омадааст. Дар охирин боб аз тарафи муаллиф маҳсулнокии бозрӯйидаи зироатҳо вобаста ба муҳлати ҷамъоварии ҳосили анбӯҳи сабз (пешинакишт) баррасӣ намуда, навъҳои арзан ва мушунг ҳамчун навҳои серҳосил ва ояндадор баҳогузорӣ менамояд.

Дар боби чоруми рисола маълумотҳои зарурии маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар пайвастагӣ бо пахта ва зироатҳои хӯроки чорво ба омилҳои абиотикию биотикӣ, дар қитъаи таҷрибавӣ устувории навъҳо ба гармӣ, инчунин ба дараҷаи устувории навъҳои нави зироатҳои фосилавӣ дар макони тадқиқот ин маълумотҳо аҳаммияти калони илмӣ доранд. Докторант дар ин боби рисола вобаста ба зироат дар кишти тоза ва омехта дар ҳосилнокии анбӯҳи сабзи онҳо фарқият дида мешавад. Ҳосилнокии анбӯҳи сабзи сурепитса дар кишти тоза ба ҳисоби миёна 243 с/га ва дар кишти омехта зиёд шуда, ба 296-353 с/га расидааст, ки ин фарқият нисбати кишти тозаи сурепитса 53-113 с/га –ро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии анбӯҳи сабз аз кишти омехтаи сурепитса +сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-128 нисбати дигар вариантҳои санҷишӣ бештар буда он мутаносибан ба 336-353 с/га баробар шудааст, баланд мебошад.

Дар боби панҷум маълумотҳо оид ба самаранокии иқтисодии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ дар шароити минтақаҳои водигӣ дарҷ гардидааст. Дар ин боб муаллиф хароҷотҳои истеҳсолии воқеиро барои як гектар зироатҳои кишоварзӣ дар шароити водигӣ муқаррар намуда, дар асоси он самаранокии иқтисодии навъҳоро муайян намудааст.

Дар боби шашуми рисола хулосаҳои арзишманд доир ба натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мухтасар баррасӣ гардидааст.

Хулоса аз 10 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои бадастомада ҳисобида мешавад.

Диссертатсия ба се тавсияҳои судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот ҷамъбаст гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмию амалии тадқиқотҳои гузаронидашуда дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ, навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави ояндадори дорои ҳосили баланди зироатҳо ба ҳисоб меравад.

Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, усулҳои илман асосноки рӯёнидани на кам аз 3 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар 1 сол кор карда баромада, ба истеҳсолот пешниҳод карда шуд. Амалӣ гардонидани ин натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот имконият медиҳад, ки бо роҳи самаранок истифода намудани заминҳои корам ва аз ҳар 1 гектар гирифтани 3-4 ҳосили зироатҳои кишоварзиро дар давоми сол бо самараи иқтисодии баланд таъмин менамоянд.

Аҳаммияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии иқтисодӣ аз парвариши зироатҳои хӯроки чорво дар заминаи кишти пахта даромади соф аз ҷамъи се ҳосил 17183 сомонӣ/га-ро ташкил намуд, ки рӯёнидани чор ҳосили анбуҳи сабз дар як сол манфиатнок буда, аз ҷамъи чор ҳосил дар як сол 17146 сомонӣ дар як гектар нишон додааст, дар шароити водигӣ ба ҳисоб меравад.

Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои тадқиқот дар 14 маводи интишоротӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз онҳо дастур ва 4 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба табърасиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дарбар мегиранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои обии ҷануби Тоҷикистон” дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бар меояд, ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд.

1. Дар кишти тирамоҳии зироатҳои фосилавӣ меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ (NPK) оварда нашудааст.

2. Дар зербоби 3.5, ҷадвалҳои 3.5.1; 3.5.2; 3.5.3; 3.5.4 ва ғайра бо ҷойи рақамҳои 1,2,3,4,5, дар ҷадвал ҷуворимакка ҳамчун пешинакишт сабт карда мешуд, беҳтар буд.

3. Захираи боқимондаҳои решаҳои зироатҳои фосилавиро аз рӯйи кадом метод муайян намудед, чунки дар зербоби методикаи гузаронидани тадқиқотҳо оварда нашудааст.

4. Дар ҷадвали 4.1.2. зироатҳои фосилавӣ дар санаи 20 ноябр кишт шудаанд. Давомнокии давраи нашъунамои сурепитса 113 рӯз ва сулии навъи Тоҷикӣ-50 131 рӯзро ташкил намуд, лекин муҳлати кишти пахта баъди сурепитса 21 март, яъне фарқият ҳамагӣ 3 рӯз (ҷадвали 4.2.1) таҳлилҳо нофаҳмо буда, шарҳ доданро талаб мекунад.

5. Дар диссертатсия асосан ба фарқиятҳои ташаккули ҳосилнокии мушаххас аз ҷониби навъҳои гуногун, муҳлатҳои гуногун, меъёрҳои кишти такрорӣ ва ғайра фарқ мекунад, аммо сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо амалан таҳлил карда нашудаанд?

6. Дар ҷадвалҳои маълумоти метеорологӣ бидуни маълумоти дарозмуддат пешниҳод шудааст, ки имкон намедиҳад, онҳоро бо нишондиҳандаҳои дарозмуддат муқоиса кунем.

7. Дар рисолаи илмӣ маводҳои солҳои пеш истифода гардидаанд, хуб мешуд, ки истифодаи маводҳои олимони ватанӣ ва таҷрибаҳои инноватсионии парвариши зироатҳои сидератсионӣ мувофиқ ба талаботи имрӯза бештар дарҷ мегардиданд.

Хулоса. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корамӣ обии ҷануби Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 08.01.01. - зироаткории умумӣ растанипарварӣ кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баландӣ илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Доктори илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ,
растанипарварӣ Сафарзода Ш.Ҷ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Бохтар 17
Тел: (+992) 907-33-83-94
E-mail: sherali-2009@mail.ru

Имзои Сафарзода Ш.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассис, ҳуҷҷатнигор (самти кадр) Зеваршоева Н.З.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Бохтар 17
Тел: (+992) 777772320

4-уми феврали соли 2026